**Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Баҳорзода Сироҷиддини Ашур дар мавзуи «Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик (нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2025.**

Мавзуи рисолаи номзадии Баҳорзода Сироҷиддини Ашур фарогири масъалаҳои мубрами таърихи давраи нави халқи тоҷик буда, дар доираи консепсияи таърихнигории замони муосир ва ба талаботи илм ҷавобгӯ таҳқиқот сурат гирифтааст.

Муаллиф дар муқаддимаи рисола аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, сарчашмаҳои омӯзиши мавзуи мазкурро нишон дода, ҳамзамон ҳадаф ва мақсади таҳқиқот, навоварӣ ва асосҳои методологии таҳқиқотро хеле хуб ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Пойгоҳи манбавии таҳқиқотро сарчашмаҳои муҳим ва боэътимод, пеш аз ҳама манбаҳои хаттии таърихӣ ва сарчашмаҳои ҷуғрофӣ-таърихии таълифгардидаи муаррихон ташкил медиҳанд. Вобаста ба ин муаллиф сарчашмаҳои мавриди истифодаро вобаста ба мазмуну муҳтаво ва фарогирии мавзуъҳои баррасигардида ба ду гурӯҳ ҷудо намуда, хеле хуб ба риштаи таҳлил кашидааст.

Дар ду боби рисола масъалаҳои муҳимму фарогир бо истифодаи самаранок аз осори Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ ва сарчашмаву натиҷаи таҳқиқоти муҳаққиқони ватанию хориҷӣ таҳлил мешавад. Зербобҳои бобҳои рисола асосан ба мавзуҳои мубраму баҳснок бахшида шудааст.

Боби нахусти диссертатсия – «Инъикоси масоили мубрами таърихи охири асри XIX-и халқи тоҷик дар осори С. Айнӣ» аз се зербоб иборат аст.

Зербоби аввал «Вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии охири асри XIX дар таҳқиқоти С. Айнӣ» гузориш ва таҳлилу баррасии фишурдаест дар бораи сиёсати иқтисодии амирони Бухоро ва пуштибони онҳо ҳукумати подшоҳӣ ва вазъи оммаи халқ. Бояд гуфт, ки С. Айнӣ ҳамчун шоҳид, вазъи иқтисодӣ – иҷтимоии халқро инъикос ва маҷбурияти ду ҳукумати истисмориро нисбат ба мардум мазамат намуда, омили пастравии сатҳи зиндагии мардум ва минтақаро дар чунин ҳукуматҳои нотавон донистааст.

Дар зербоби дувуми боб – «Вазъи фарҳанги халқи тоҷик дар охири асри XIX аз нигоҳи С. Айнӣ» мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Устод С. Айнӣ мавқеи хосси фарҳангро ба назар гирифта, дар осори хеш аз вазъи ин соҳаи афзалиятнок дар нимаи дуюми асри XIX дар Бухоро ёдовар гардида, онро ба таври мушаххас таҳлил намудааст.

Дар зербоби савуми боби якум «Инъикос ва баррасии ҳаракати маорифпарварӣ дар осори С. Айнӣ» мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Устод С. Айнӣ ҳамчун муҳаққиқ ва меросбари мактаби маорифпарварон дар осори хеш оид ба хусусиятҳои ин мактаби маърифатию иҷтимоии халқи тоҷик ва намояндаҳои он то ҷое тавонистааст маълумоти муфассал пешниҳод намояд.

Боби дувуми диссертатсия ки «Масоили таҳлилу омӯзиши таърихи ибтидои асри хх-и халқи тоҷик дар осори С. Айнӣ» номгузорӣ шудааст, аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби аввали боби дувум, ки «Инъикоси паёмадҳои ҳамлаи Русияи подшоҳӣ ба Осиёи Миёна ва сиёсатҳои он дар минтақа дар таҳқиқоти Садриддин Айнӣ» ном дорад сухан аз масъалаи хеле муҳим – истилои Осиёи Миёна ва паёмадҳои ҳамроҳ шудани минтақа ба империяи Русия баррасӣ шудааст.

Дар зербоби дуюм «Садриддин Айнӣ ва масъалаҳои омӯзиши ҳаракати ҷадидия» мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифтааст. Бояд қайд кард, ки яке аз аввалин инъиксокунандагони ҳаракати ҷадидия ва таҳқиқбарандаи мазмуну мундариҷаи он устод С. Айнӣ маҳсуб меёфт.

Дар зербоби сеюми боби мазкур «Вазъи иҷтимоӣ-сиёсии ибтидои асри XX дар асоси осори С. Айнӣ» мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Садриддин Айнӣ аз ҷумлаи он муаррихоне мебошад, ки новобаста аз мушкилоти замон ва имконоти на он қадар мусоид, ба таҳқиқи тамоми соҳаҳои ҷамъиятии таърихи ибтидои асри XX-уми халқи тоҷик пардохтааст.

Хулоса, дар асоси мазмуни автореферат метавон гуфт, ки рисолаи номзадии Баҳорзода Сироҷиддини Ашур ба унвони таҳқиқоти илмӣ ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Автореферати рисола мазмуни онро дуруст инъикос менамояд. Муаллифи рисола Баҳорзода Сироҷиддини Ашур барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои таърих,
дотсенти кафедраи фанҳои гуманитари
ДДМИТ Ҳомидова Қ. Ҳ.

Имзои Ҳомидова Қ. Ҳ -ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корхои
махсуси ДДМИТ Мирҷамолов М. А.

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, , кӯчаи Нахимов, 64/14
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
Тел. (992) 231-08-43
E-mail: tgfeu@tgfeu.tj

27.05.2025